# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ғайратова Фотима Асламшоевна дар мавзӯи “Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст.**

Барҳамхурии сохти коммунистӣ ва аз байн рафтани ИҶШС, пайдо шудани давлатҳои нав дар харитаи сиёсии ҷаҳон, паҳншавии босуръати ҷаҳонишавӣ, ба вуқӯъ омадани ҷангу мунокишаҳои зиёд дар минтақаҳои гуногуни дунё, бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ, паҳншавии бемориву вирусҳои марговар (COVID 19), афзоиши ҳаракату созмонҳои тундрави террористӣ ва ифротгароӣ, бартарияти кишварҳои абарқудрат дар ҷаҳони сиёсӣ ва дар ҳалли ҳаёти кишварҳои алоҳида ва дигар омилу сабабҳои иҷтимоиву сиёсӣ, дар шароити ҳозираи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромадани чораҳо ва амалҳои мушахассро дар бораи амнияти кишвар тақозо дорад.

Дар равандҳои сиёсии имрӯзаи минтақа тағйиротҳои ҷиддии, вобаста ба тадриҷан фаъол гаштани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ба назар мерасанд. Дар меҳвари ин тағйирпазираҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ташаннуҷёбии бесобиқаи муборизаи сиёсии абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ боиси он гардидааст, ки онҳо бо мақсади ҳифз намудани манфиатҳои геополитикии худ бо воситаи хадамотҳои махсусашон ҷиҳати нуфуз пайдо кардан ба тафаккури насли ҷавон дар тамоми манотиқи Осиёи Миёна пайваста кушиш ба харҷ медиҳанд. Таҳлили ҷалбшавии ҷавонон ба созмонҳои тундраву ифротгароӣ водор месозад, ки падидаи рушди ниҳодии ҳаракатҳои ҷавонон дар шароити вазъи устуворшудаи сиёсӣ ба хотири таҳияи чораҳои самараноки муқовимат ба ифротгароии сиёсӣ васеъ ва амиқ омӯхта шавад. Руйдодҳои даврони ҷанги таҳмиллии шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, даргириҳои солҳои 1999-2000 дар вилояти Боткени Ҷумҳурии Қирғизистон, шаҳри Тошканд, водии Фарғона ва вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба вуқӯъ пайваста, ки ба фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ алоқаманд

буданд, имрӯз масъалаи шомилшавии ҷавононро ба ҷараёнҳои террористӣ ва ифротгароӣ афзун мегардонад. Имрӯз андешаҳое собит шуданд, ки дар пешомади наздик маҳз созмонҳои ифротгароии ҷавонон ба амну суботи Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа таҳдиди ҷиддӣ хоҳанд дошт. Маҳз ҳамин воқеаҳо сиёсатшиносон, коршиносони масоили амният ва дигар таҳлилгаронро водор намуданд, ки ақидаву бардоштҳои пешинаи хешро таҷдиди назар карда, сатҳи таҳдиди мазкурро дар қаринаи таъмини амнияти минтақавӣ ва миллии давлатҳои Осиёи Марказӣ амиқан аз нав баррасӣ намоянд.

Муаллифи рисола дар рафти кори худ бо маҳорати баланд таҳлили муқоисавии моҳият ва хусусиятҳои хоси ифротгароиро ва заминаҳои зуҳури онро дар замони муосир зери омӯзиш қарор дода, паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо ба хонанда фаҳмо баррасӣ намудааст. Ба ақидаи муаллиф, ифротгароӣ дар давраи бесуботии сиёсӣ, заъифии ниҳодҳои давлатӣ, бӯҳрони иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва маънавӣ хеле фаъол гардида, дигар омилу сабаҳо ва заминаҳои пайдоиши ин падидаи манфиро ошкор ва муайян намудааст. Илова бар ин, муаллиф дар хулосаи боби аввал якчанд пешниҳоду маслиҳатро пешкаш намудааст, ки баҳри мубориза бо ин падида мусоидат хоҳанд кард.

Диссертант дар рисолаи илмии худ масъалаи ташаккул ва вазъи имрӯзаи ифротгароии ҷавононро дар Осиёи Марказӣ, дурнамои тавсеаи онро зери омӯзиш қарор дода, паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо ба таври мушаххас таҳлилу баррасӣ намудааст. Муаллиф сарчашмаҳои асосии густариш, саркардагони ин ҳаракатҳо ва хавфу хатарҳои ин падидаи номатлубро дар кори худ ба таври возеҳу равшан пешкаш мекунад, ки аз мубрамияти рисолаи мазкур шаҳодат медиҳад. Дар ин ҷода, муаллиф роҳҳои самарабахши тавсеаи ин падидаи манфиро пешкаши хонанда карда, як қатор пешниҳодҳоро дар охири боби дувум манзур менамояд.

Муаллиф бо пайдарҳамии мантиқӣ сарчашмаҳои гуногуни илмиро мавриди баррасӣ қарор дода, бо таври мушаххас роҳҳо ва

воситаҳои рафъи ифротгароии ҷавононро дар қаринаи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки аз мустақилияти илмӣ ва малакаи хуби эҷодии ӯ дарак медиҳад. Ба ақидаи муаллиф, дар шароити буҳрони иқтисоди миллӣ сабабҳои афзоиши мушкилоти иҷтимоӣ ва дохилӣ, болоравии сатҳи ҷинояткорӣ дар миёни насли наврас пайдо шуданаш мумкин аст, ки ин ҳолат метавонад ба ҳаракатҳои ифротгароӣ имкон диҳад, ки ҷавонони моро бештар ба худ ва ба ин ҳаракатҳо ҷалб намоянд. Илова бар ин, муаллиф мушкилоти муқовимат ба шаклҳои гуногуни ифротгароии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, ба масъалаҳои пешгирӣ ва мубориза бо шаклҳои гуногуни зуҳури ифротгароии ҷавонон диққати махсус матраҳ менамояд.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмии мазкур аз лиҳози мубрамият, дараҷаи илмии омӯзиш, ҳадафу вазифаҳо, пойгоҳи сарчашмаҳои илмӣ, объекту предмети таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳо ҳамчун кори мустақил, дорои низоми муайян ва ба анҷомрасида маҳсуб меёбад. Муаллифи рисола инчунин дар баён намудани ақидаҳои худ аз усулҳои гуногуни илмӣ хеле моҳирона истифода кардааст.

Дигар дастоварди рисолаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар таърихнигории ватанӣ масъалаи ифротгароии ҷавонон ҳамчун зуҳуроти хатарнок барои амнияти миллӣ ва минтақавӣ, бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст.

Дар қисмати дувуми автореферати рисола – “Қисматҳои асосии диссертатсия” диссертант паҳлуҳои асосии рисолаи илмиро мавриди таҳлил қарор дода, моҳият ва заминаҳои зуҳури ифротгароии ҷавонон, ташаккул ва вазъи имрӯзаи ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ, дурнамои тавсеъи ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ, роҳҳо ва воситаҳои рафъи ифротгароии ҷавонон дар зерчубаи таъмини амнияти

милии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти муковимат ба шаклҳои гуногуни зуҳури ифротгароии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра баррасӣ намудааст.

Нақшаи кори рисолаи илмӣ аз рӯи мантиқ сохта шуда, максад ва вазифаҳои гузошташуда дар доираи ҳар як боби он бо таври амиқу сахеҳ ҳаллу фасл гардидаанд. Дар хулосаи автореферат муҳтавои бобҳо ва зербобҳои рисолаи илмӣ ба таври дақиқу мушаххас инъикос шудаанд.

Дар баробари комебиҳои илмии ба дастоварда, метавон якчанд эроду мулоҳизаҳоро иброз намуд:

1. Дар таҳқиоти мазкур баъзе камбудиҳои техникӣ, имлоӣ ба назар мерасанд.

2. Дар инъикоси сарчашмаҳои адабӣ, сиёсӣ ва иттилоотӣ муаллиф фикру ақидаҳои хешро камтар нишон медиҳад.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки эроду хулосаҳои зикршуда аҳамияти назариявии рисолаи илмиро коста намекунанд ва дар маҷмӯъ, таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи баланд иҷро карда шуда, забони илмии рисола фаҳмо ва дастрас аст. Вобаста ба ин, натиҷаҳои илмии ба дастомада, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба унвонҳои илмӣ мувофиқат намуда, муаллифи рисолаи илмӣ Ғайратова Фотима Асламшоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсати хориҷӣ мебошад.

Сардори факултети №2 Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.ҳ., дотсен Ҳ.С. Сафарзода

Имзои Сафарзода Ҳ.С.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия А.Ё. Абдулозода